**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). – Душанбе, 2024. – 382 с.**

Истиқлоли миллӣ барои эҷоди равандҳои ҷадид, тамоюлҳои тозаи таҳқиқӣ дар қаламрави илми тоҷик бар он заминагузорӣ намуд, ки халлоқият ва шинохти дигаргунае аз дарунмоя ва арзишҳои бадеии осори адабӣ дар шумори ин ҷараёнҳои навин қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки таълифоти насрии форсу тоҷик аз бахши муҳимми таълифоти адабиёти классикиро ба вуҷуд овардааст, ки дар баробари бархурдор будан аз сабки вежаи иншо, ҳовии муҳимтарин арзишҳои адабиву бадеӣ ба шумор меравад ва, мутаассифона, дар адабиётшиносии тоҷик ин падидаҳои ҳунарии он камтар ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар давраҳои гуногуни таърихи адабиёт чеҳраҳои илмию адабӣ ва фарҳангиеро метавон ном бурд, ки тавассути хидматгузорӣ ва маҳсули қалами худ ба ташаккулёбию таҳаввули забону адабиёту фарҳанги миллӣ мусоидат намудаанд. Аз ҷониби дигар, онҳо бо нерумандӣ, фарҳангсолорӣ ва хизматҳои шоиста рисолати эҷодкор будан ва эҷод намуданро ба таври зарурӣ дарк карда, сабабгори бақо ва ҳастии фарҳанги халқу миллати хеш гардидаанд. Маҳз ҳамин гуна садоқат ба кори эҷодӣ ва ба ин ё он шаклу анвои қобили таваҷҷуҳ манзур намудани бардошту андешаҳояшон аз рӯзгор аст, ки моро ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқу пажуҳиши ин масоил водор менамоянд. Таҳқиқи рӯзгору осори чунин чеҳраҳои илмию адабӣ арзиши махсуси илмӣ дорад.

Айнулқуззоти Ҳамадонӣ яке аз чеҳраҳои адабии намоёни адабиёти асри XII муаррифӣ ва маҳсуб мешавад, ки дар таҳаввул ва такомули анвои номанигориву мукотиботи ин давра саҳми назаррас дорад. То кунун муҳаққиқони адабиёти тоҷик ба баррасии анвои эҷодиёти ӯ, махсусан,

осори номанигории ӯ камтар таваҷҷуҳ намудаанд. Ба таъбири дигар, ин ҷанбаи эҷодиёти Айнулқуззоти Ҳамадонӣ мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории **Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович** дар он зоҳир мешавад, ки то кунун ба таври шоиставу комил дар бораи номаҳои Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули анъанаи номанигорӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Айнулқуззоти Ҳамадонӣ яке аз суханварони орифи қарни XII мебошад, ки мутаассифона, рӯзгору осор ва махсусан “Номаҳо”-и ӯ то ҳол дар адабиётшиносии форсу тоҷик ба қадри боиста омӯхта нашудааст» (диссертатсия, с. 5).

Таҳқиқу баррасӣ ва таълифоти дарунмояву фаъолияти босамар ва гуногунвижаи Айнулқуззоти Ҳамадонӣ аз мадди назарҳо дур намонда, суханшиносону муҳаққиқон ба рӯзгору осори ӯ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар тақвияти андеша метавон аз қайду хотирот, тақризу мақола ва таҳқиқоти Ҳ. Хатибӣ, З. Ҳасанова, Х. Шарифзода, А. Усайрон, Ҳ. Баннопур, А. Мунавӣ, М. Ҳиравӣ ва дигарон ёдовар шуд. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» андешаҳои фавқро собит менамояд.

То ба имрӯз муҳаққиқон перомуни номанигорӣ ва вижагиҳои он пажӯҳиш анҷом дода, мақому манзалати онро дар насри адабиёти форсу тоҷик дар ин ҷода нуқтаи олии инкишоф ва шукӯҳ муаррифӣ кардаанд. Аммо пажӯҳиши анҷомдодаи Ҳ.Зоиров ин нуктаро возеҳ месозад, ки Айнулқуззоти Ҳамадонӣ асосан дар қаламрави номанигорӣ шуҳрат пайдо кардааст. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ барои равшан намудани масоили зиёди илми адабиётшиносӣ дар асрҳои миёна мусоидат менамояд.

Мақоми Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дар таҳаввули сабки номанигорӣ то ба андозаест, ки ҳамаи муҳаққиқон ин фазилати суханварии ӯро ҳангоми баррасии ин масъала ёдовар шудаанд. Ҳамин амр боис гаштаст, ки бузургтарин суханварони адабиёти асримиёнагӣ ва муосири форсу тоҷик ба санъати китобати "Номаҳо"-и ӯ назар доштаву аз вижагиҳои ҳунарии ашъори вай ба андозае бархӯрдор гаштаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст осори дар шакли "Номаҳо" таълифшудаи Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дар адабиётшиносии даврони Истиқлол баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули жанри номанигорӣ дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар ин самт, муҳтаво ва забону сабки "Номаҳо" руҷуъ шудааст. Диссертант барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ лозим донистааст, ки саравввал шахсияти эҷодии ин суханвари нобиғаро аз даричаи нақди сабкшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, масъалагузорӣ намояд, ки дар оянда барои муқаррар кардани шарҳи илмии рӯзгор ва осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ хеле муҳим аст. Мутолиаи диссертатсия ошкор менамояд, ки Айнулқуззоти Ҳамадонӣ на танҳо дар таҳаввули номанигорӣ, балки дар санъати хат ва ойини нигориш, номанависӣ, мухтассоти номаҳо, ойини тарассул ва муншаотнависӣ, суннати дабирӣ ва услуби нигориши номаҳо низ нақши равшан дорад ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ин суханвари мумтоз намунаи олии насри фаннӣ дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меравад. Аммо номаҳои

Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ҳам аз лиҳози ҳунар ва ҳам ҷанбаи илмию маърифатӣ бори аввал бо як низоми мушаххаси илмӣ дар диссертатсияи Ҳ. Зоиров мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, ки барои муҳаққиқони баъдӣ дар оянда заминаи мусо идро фароҳам хоҳад овард.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Омӯзиш, таҳлил ва тадқиқи масоили илмии марбут ба мавзуъ бо овардани шавоҳиди фаровон аз осори Ҳамадонӣ ба диссертатсия ҷанбаи қавии илмӣ бахшидааст ва диссертант кӯшиш кардааст, ки аз муҷаррадбаёнию умумигӯӣ худдорӣ намояд. Ҳамаи бобу фасл ва зерфаслҳои диссертатсия хулосабарорӣ доранд ва хулосаҳои баровардаи диссертант фишурдаи ҳама масоили бобу фасл ва зерфаслҳои таҳқиқро фаро гирифтаанд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёт ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Аҳамияти назарии таҳқиқ дар пайванди назариявии масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида бо илмҳои адабиётшиносӣ, назарияи адабиёт, поэтика, сабкшиносӣ, фалсафа, фарҳангу мардумшиносӣ, устурашиносӣ устувор гардидааст. Аз дигар ҷониб, хулосаҳои назарии диссертатсия имкон дорад ҳангоми дарсҳои таърихи адабиёти классикӣ, назарияи

адабиёт, сабкшиносӣ, устурашиносӣ, матншиносӣ, илми бадеъ, баён, маонӣ ва назмшиносӣ мавриди истифода қарор бигиранд.

Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон аз муқаддима, чор боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт фароҳам омада, бобҳо ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Дар муқаддимаи рисола мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи диссертатсия бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет ва асосҳои назарии таҳқиқ, пойгоҳҳои назариву методологӣ ва маъхазшиносии матолиби илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, татбиқи амалии натиҷаҳои пажӯҳиш, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор тибқи меъёрҳои таъйиншуда дарҷ гардидааст.

Боби аввали рисола, ки «Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва мероси илмиву адабии ӯ » унвон гирифтааст, аз чор фасл иборат буда, дар он масъалаҳои бозофаринии илмии зиндагиномаи Ҳамадонӣ, мероси адабӣ ва осори мансуб ба ӯ, ки аксарияти муҳаққиқон онро ба Ҳамадонӣ нисбат додаанд, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ин қисмати диссертатсия Ҳ. Зоиров дараҷаи омӯзиши шарҳи ҳолу осори шоирро зикр карда, ба хулосае меояд, ки зиндагиномаи Ҳамадонӣ ва вижагиҳои осори ӯ дар оянда бояд аз рӯи равияи накди мухталифи илми адабиётшиносӣ сурат бигирад. Зеро зиддияти афкор ва нозукиҳои шахсияти эҷодии ин суханвари шаҳир муаммоҳои зиёдеро пеш овардааст ва ин амр боиси қазоватҳои мухталифи суханшиносон гаштааст. Диссертант ба хулосае меояд, ки «баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон бидуни таҳқиқ ахбори манобеъ ва пажуҳишгарони қаблии худро такрор намудаанд» (диссертатсия, с. 88). Дар идома оид ба муҳимтарин масъалаҳои марбут ба шарҳи ҳол ва осори шоир ишора карда, рисолаҳои ба қалами Ҳамадонӣ тааллуқдоштаро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия «Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқуззоти Ҳамадонӣ», ки аз чор фасл ва се зерфасл иборат аст, масъалаҳои пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ то давраи Сосониён, ойини тарассул ва муншаотнависӣ дар аҳди Сосониён, анвои номаҳо ва одоби нигориш, мухтассоти номаҳои аҳди Сосониён ва чанде дигар аз осори марбут ба ойини нигориш мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Перомуни таърихи пайдоиш ва сайри ташаккулу таҳаввули таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва шаклии он дар гузашта муҳаққиқон пажӯҳишҳои зиёде анҷом додаанд. Яке аз фазилатҳои муҳимми диссертатсияи Ҳалимҷон Зоиров дар мавриди пажуҳиши номаҳо ин аст, ки ӯ муҳимтарин асарҳои илмии ба мавзуъ бахшидашудаи ҳам олимони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ чун Э. Браун, А. Кристенсен, Е.Э. Бертелс, З. Сафо, С. Нафисӣ, А. За̄рринкӯб, Ҳ. Хатибӣ, А. Тафаззулӣ, М. Баҳор, Ш. Кадканӣ, Б. Фурӯзонфар, М. Муҳаммадӣ, Исо ал-Окуб, Р. Фарманиш, А. Усайрон, А. Мунзавӣ, Н.М. Ҳиравӣ, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, И. Умарзода, А. Латторзода, А. Насриддинов, Н. Салимӣ, Н. Зоҳидӣ, А. Кучарзода, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, З. Ҳасанова ва дигаронро омухта, муҳимтарин нуктаҳояшонро дар рисола оварда, хулосаҳои дақиқи илмӣ мебарорад.

Ҳамин тариқ, диссертант андар шинохти номаҳо ва санъати номанигории Ҳамадониро дар заминаи мулоҳизоти муҳаққиқону суханшиносони маъруф ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ» аз чор фасл ва панҷ зерфасл иборат буда, дар хусуси вижагиҳои адабию услубӣ ва мухтассоти насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, фарқи сохт, мавзуъ ва шеваи нигориши «Номаҳо»-и ин суханвар аз муншаоти девонӣ ва ихвонии қарнҳои қаблӣ ва аҳди худ баҳс мекунад. Аз хулосаҳои ин фасл равшан мегардад, ки Айнулқузоти

Ҳамадонӣ аз илми забоншиносӣ, махсусан улуми махориҷи ҳуруф, сарфу наҳви забони форсӣ ва арабӣ хуб огоҳӣ доштааст.

Номае, ки зайли шумораи ҳафтоду ҳафтум омадааст, бо байти арабӣ ва рубоии форсии зер оғоз шудааст (Диссертатсия саҳ 170).

Дарвоқеъ, аз рӯи таҳқиқи диссертант ин суханвари бузург тамоми умри хешро дар китобати номаҳо бахшида дар санъати номанигорӣ муваффақ гаштааст.

Ба ақидаи диссертант, «Номаҳои Айнулқуззот аз макотиби замони хеш боз бо он фарқ мекунад, ки аксар дар баён ва шарҳу тафсири мавзуи алоҳида баҳс мекунанд, монанди шарҳу баёни “ният”, “намоз”, “Аллоҳу акбар”, муҳаббат ба Қуръон ва Офаридгор, муҳаббат ба Расул (с) ва ёрону саҳобагон, зарурати пир ва муроду муршид, одоби муридӣ, даъват ба ахлоқи ҳамида, эҳсон ва закоту садақа додан, шарҳу баёни тасаввуф ва истилоҳоти хоси суфия, роҳи сулук ва тариқи расидан ба Ҳақ ва ғ... » (диссертатсия, с.170). Номаҳои Айнулқузот дар қолабҳои гуногуни баёнӣ ифода ёфтаанд, ки пас аз таҳлилу тадқиқи онҳо Ҳ. Зоиров ба хулосае меояд, ки ниҳояти ҳунари номанигории Ҳамадонӣ дар таълифоту осори гаронмояаш таҷассум ёфтаанд.

Боби чоруми диссертатсия «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ» ном дошта, фарогири панҷ фасл ва се зерфасл мебошад. Фасли якуми боби чорум «Мируре ба нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ» роҷеъ ба замон ва макони китобат, навъи хат, теъдоди номаҳо, ҳусну қубҳ ва арзиши илмию матншиносии нуҳ нусхаи хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузот, ки дар китобхонаҳои олам маҳфузанд ва акси нусхаҳои онҳо, ки дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти рақамҳои алоҳида нигоҳдорӣ мешаванд, баҳс мекунад.

Ин қисмати диссертатсия гувоҳи он нукта аст, ки диссертант аз назарияи баҳси матншиносӣ огоҳии комил дорад ва зимни таҳлили матнҳои муҳаққиқон дар ҳолатҳои зарурӣ баҳсҳое ҳам доир кардааст.

Ба ақидаи диссертант ҳеч як аз нусхаҳо шомили кулли мактуботи суханвар нестанд, микдор ва тартиби номаҳо дар аксари нусхаҳои хаттӣ аз ҳам фарқ мекунанд, агарчи баъзе нусхаҳо аз ҷиҳати миқдори номаҳо ба ҳам наздиканд, шомили номаҳое мебошанд, ки дигарӣ онро надорад, аксари нусхаҳо холӣ аз нукс, афтодагӣ ва хатои матншиносӣ нестанд.

**Муаллиф хулосаи таҳқиқоти диссертатсионии** худро дар 30 банд матраҳ кардааст, ки маҷмуан қобили қабул буда, бардошти мантиқие аз муҳтавои кор мебошанд. **Тавсияҳои** муаллиф ҳам роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ, ки дар 9 нукта баррасӣ гардидаанд, қонеъкунанда мебошанд. Китобнома ё худ рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ иборат буда, 446 номгӯро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт бонизом ва бо тартиби илмиву алифбоӣ мураттаб гардидааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳоро ба манфиати кор медонем:

1. Дар масъалагузориҳои унвони мавзуъ ва баррасии бобу фаслҳои он ба ҷои истилоҳи услуб, истилоҳи сабк истифода мегардид, беҳтар мебуд. Зеро истилоҳи сабк маъмулан, дар адабиётшиносӣ ва истилоҳи услуб дар забоншиносӣ истифода мешавад.
2. Тарзи гузориши навгониҳои таҳқиқ бо нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда монанд шудааст. Хуб мешуд, ки тарзи баён ва масъалагузориҳои навгониҳои таҳқиқ дар шакли ҷомеъ пешниҳод мегардид.
3. Гоҳе дар диссертатсия тарҷумаи тоҷикии ибороту ҷумлаҳои арабӣ оварда нашудаанд (с. 27, 28).
4. Ному насаби баъзе муҳаққиқон ба ду шакл, масалан, А. Мунзавӣ (с. 30, 38), Алинақии Мунзавӣ (с. 25), З. Сафо (с. 13), Забеҳулло Сафо (с. 25) омадааст, ки ба ҳамгунӣ ниёз дорад.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳо дар гузоштани аломатҳои китобат, саҳ. 5, 21, 36, 117; часпидани ҳарфҳо саҳ. 331, 333, 335; риоя нашудани тартиби техникии матн саҳ. 38 ва ғайра дида шуд.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти имлоӣ ва иншоӣ дошта, ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия нашр намудааст (24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 42 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар ва 1 монография), муҳтавои асосии рисоларо фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертанти дараҷаи илмӣ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.00 – Адабиётшиносӣ** (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқати том дорад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб дода метавонад.

Хулоса, диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII **(таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)**» бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бо бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.00 – Адабиётшиносӣ** (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Такризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
факултети филологияи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қурбонзода Р.Қ.
«30» майи соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ, к. Рӯдаки 121.
Тел.: (+992) 981-06-65-34
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Имзои Р.Қ. Қурбонзода-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992-37) 224-18-01;
E-mail: info@tgpu.tj
«30» майи соли 2024.